**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос**

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 03.12.2025, таҳти №33**

Барои сазовор донистани Фозилов Комрон Ҷамолович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос.

Диссертатсия дар мавзуи «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201- Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих)-ро 01-уми сентябри соли 2025, суратмаҷлиси №25, шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №24/шд тасдиқ гардида, аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Фозилов Комрон Ҷамолович 22-юми апрели соли 1994 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 2012 ба факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2017 бо муваффақият хатм намуд. Фозилов Комрон Ҷамолович соли 2018 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, тибқи барномаи Созмони ҳамкории Шанхай ба Донишгоҳи дӯстии халқҳои Федератсияи Русия равон карда шуд ва дар асоси шартнома як сол дар донишгоҳи мазкур таҳсил намуда, соли дуюми магистириро дар кафедраи минтақашиносии хориҷии факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ ба итмом расонидааст.

Фозилов Комрон Ҷамолович бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 октябри соли 2019 ҳамчун докторанти доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050500 - минтақашиносӣ қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Фозилов Комрон Ҷамолович «Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI» бо қарори шурои олимони факултети муносибатҳои байналхалқӣ аз 12.09.2019, протоколи №4 тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (аз 28.02.2025, протоколи №6).

**Роҳбари илмӣ**: **Самиев Холаҳмад Давлатович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Комилова Хосият Ғуфроновна** – доктори илмҳои таърих, профессор, сардори раёсати илм, инноватсия, робитаҳои байналмилалӣ ва табъу нашри филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

**Раҳмонзода Азимҷон Шералӣ** – номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

**Муассисаи пешбар**: Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе).

Дар тақризи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Алуев А.С., ташхисгар – номзади илмҳои таърих, дотсент Насридинзода М.Н. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои таърих, дотсент Мамадазимов А.А. (суратмаҷлиси №4, аз 05.10.2025) имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Фозилов Комрон Ҷамолович бо назардошти навгонии илмӣ, мубрамӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалияш сазовори баҳои мусбат буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Рисола дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Фозилов Комрон Ҷамолович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мебошад.

Унвонҷӯ муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

[1-М]. Фозилов К. Дж. Информационная война против стран Центральной Азии и пути сохранения национальной безопасности [Текст] / К. Дж. Фозилов //Вестник Тюменского государственного университета культуры. – Тюмен, 2023. - №02 (28). - С.135–139.

[2-М]. Фозилов К.Ҷ. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ дар доираи ниҳодҳои байналхалқӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. -№ 7. – С. 78-85.

[3-М]. Фозилов К.Ҷ. Раванди шаклгирии фарҳанги иттилоотии ҷомеаи муосир дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ –иртиботӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.- № 9.– С. 123-127.

[4-М]. Фозилов К.Ҷ. Фарҳанг ҳамчун «нерӯи нарм» (soft power) дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024. - № 10. – Душанбе, – С.74-78.

[5-М]. Фозилов К.Ҷ. Таъсири хатарҳои иттилоотӣ ба фазои амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ К.Ҷ. Фозилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.- № 3. – С.291-296.

[6-М]. Фозилов К.Ҷ. Мушкилоти фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити муосир [Матн] / К.Ҷ. Фозилов, Х.Д. Самиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025.- №4. – С.51-58.

[7-М]. Фозилов К.Ҷ. Ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба пешгирии хатарҳои иттилоотӣ дар асри XXI [Матн] / К.Ҷ. Фозилов // Осиё ва Аврупо. – Душанбе, 2025. - №4– С.77-87.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[8-М]. Фозилов К.Ҷ. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар Созмони Ҳамкории Шанхай [Матн] / К.Ҷ. Фозилов //Муҳаққиқи ҷавон. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №1. Душанбе, 2019. – С.41-45.

[9-М]. Фозилов К. Дж. Историко-культурные основы формирования отношений между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан [Текст] / К.Дж. Фозилов, Л. Ширинзода // Сборник материалов XIII Международной научно-теоретической конференции молодых ученых высших учебных заведений Таджикистана, России и Узбекистана (25 февраля 2023). - Душанбе, 2023. - С.50-54.

[10-М]. Фозилов К. Дж. Перспективы культурного сотрудничества Республики Таджикистан с ЮНЕСКО. [Текст] / К. Дж. Фозилов/ Сборник материалов XI международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений России, Таджикистана и Узбекистана. - (22 апреля 2022). Душанбе. - С.82-93.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Доктори илмҳои таърих, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ҳомидзода Ф.М. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

2. Номзади илмҳои таърих, мудири шуъбаи тайёр кардани кадрҳои илмии Муассисаи давлатии «Институти илмию таҳқиқотии сайёҳӣ ва соҳибкори»-и Муассисаи давлатии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» Кудратов К.А. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

3. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Шарофов Э.У. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

4. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангии ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

5. Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ Сайнаков С.П. Тақриз мусбат аст, эрод надорад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 6D020201 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд**: Хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI таҳқиқу баррасӣ гардид;

- **ошкор менамояд,** ки заминаҳои пайдоиши таҳдиду монеаҳо, мушкилот ва чолишҳои сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ ва дараҷаи таъсири онҳо ба фазои иттилоотии кишварҳои минтақа то чӣ андоза хатарнок аст.

- **пешниҳод шудааст, ки** дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) таъмини омодагии ҳамаҷонибаи шаҳрвандон ба чолишҳои муосир ба омили муҳимми амнияти миллӣ ва шукуфоии иқтисодӣ табдил меёбад. Ҷаҳони муосир бо ҳамгироии технологияҳо ба монанди Интернети ашё (IoT), зеҳни сунъӣ (AI), роёниши абрӣ, блокчейн, таҳлили маълумоти калон, ҳукумати электронӣ, соҳаи тандурустии рақамӣ ва криптовалютҳо тавсиф мешавад, ки бешубҳа тамоми ҷабҳаҳои ҷомеаро тағир медиҳанд.

- **исбот шудааст,** ки ҳамкориҳои минтақавӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба мисли ИДМ ва СҲШ ба густариши низоми амнияти иттилоотӣ мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, соли 2001 дар Белорус Созишномаи ҳамкорӣ барои мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи иттилоот ба имзо расида, солҳои 2011- 2013 кишварҳои минтақа ба шабакаи глобалии гурӯҳҳои компютерии вокуниш (CERT) пайвастанд. Илова бар ин, Созмони ИДМ соли 2000 Маркази зиддитеррористиро таъсис дод, ки дар ҳамоҳангсозии чораҳои зиддитеррористӣ накши муҳимеро мебозад.

- **ҷорӣ намудани** фанни махсусе бо номи «Муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисонро дар самти таърих, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ омода мекунанд, муҳим мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шудааст, ки** натиҷаҳои он метавонанд дар фаъолияти касбии мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсатшиносӣ, фаъолияти иттилоотӣ-таҳлилӣ ва журналистика бо мақсади баланд бардоштани самаранокии рушди низоми амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид будани худро собит созанд. Муқаррароти аслӣ, дастурамалҳо, хулосаву тавсияҳои илмӣ дар мавзуи таҳқиқотӣ метавонад ҳамчун манбаи муҳимми илмӣ ва заминаи таҷрибавӣ дар баррасии минбаъдаи масъалаҳо дар соҳаи амнияти иттилоотӣ, мушкилоти ниҳодҳои сохторие, ки ин гуна фаъолиятро дар фазои иттилоотии кишвар татбиқ менамоянд, хизмат намояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** таҳлил ва таснифи хатарҳои иттилоотӣ, моҳият ва паёмадҳои он ба фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт дар назар дошта шудааст.

- **баён шудани** хатарҳои иттилоотӣ дар заминаи бунёд ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар стратегияи сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI мақоми хосса касб кардааст. Бо назардошти рақамисозии босуръат, рушди фазои киберӣ ва афзоиши ҷараёни иттилооти фаромарзӣ, масъалаҳои ҳифзи соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ ба ҷузъи ҷудонашавандаи рӯзномаи амнияти минтақавӣ ва миллӣ табдил меёбанд.

- **ошкор гардидани** фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо як қатор хусусиятҳои хосси вобаста ба тафовут дар сатҳи рушди системаҳои миллии иттилоотӣ, сохторҳои институтсионалӣ, дараҷаи рақамикунонӣ, инчунин заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқии танзими фазои иттилоотӣ тавсиф мешавад. Дараҷаи фарҳанги иттилоотӣ дар ҳар як кишвари алоҳида низ, аз ҷумла ҷузъҳои институтсионалӣ ва оммавии дарки иттилоот, ки бевосита ба устувории ҷомеа ба таъсири иттилоотии беруна таъсир мерасонад, аҳаммияти калон дорад.

- **омӯхта шудани** хатарҳо ва чолишҳои фазои иттилоотии кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳим мебошад. Зеро дар шароити афзояндаи осебпазирии фазои иттилоотӣ, таҳдидҳо ҳамчун таҳрикдиҳанда ва омили нерӯбахши равандҳои дигари бесуботкунанда баромад мекунанд. Аз ҷумла, онҳо ба тезу тунд шудани ихтилофҳои этникӣ ва сарҳадӣ мусоидат намуда, мушкилоти дастрасӣ ба захираҳои обро мушкил мегардонанд, таъсири ифротгароии динию сиёсиро афзоиш дода, дар самтҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, қочоқи маводи мухаддир ва фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноии фаромиллӣ хатарҳои иловагӣ ба вуҷуд меоранд.

- **аз нав такмил додани** санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва расмӣ ба мисли қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати иттилоотии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки**: натиҷаҳои он метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масъалаҳои муҳимми хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат ба он, ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти муқовимат бо хатарҳои иттилоотӣ, тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба давраи мавриди таҳқиқ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Ҳамзамон, дар раванди такмили фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили ВКХ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ мусоидат менамояд.

- **муайян карда шуданд**, ки таҳдидҳои иттилоотӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ метавонанд ба паст задани арзишҳои суннатии иҷтимоӣ, аз байн рафтани ҳувияти миллӣ, вайрон кардани низоми сиёсӣ ва тамомияти арзии давлат равона шаванд. Дар ин росто, сиёсати иттилоотии кишвар бо мақсади ҳифзи истиқлолият ва амнияти миллӣ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад, ки дар он ҳам таъсири дипломатияи иттилоотӣ, ҳам рушди воситаҳои иттилоотӣ ва ҳам ҳамкории байналмилалӣ дар самти мубориза бо таҳдидҳо муҳим мебошад.
- **офарида шуд**: бештари таҳдидҳо шакли иттилоотии дар ниқоби мазҳабӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифта, тавассути интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ВАО-и рақамӣ амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, таъмини амнияти иттилоотӣ ва муқовимат бо ҷангҳои иттилоотӣ, ҳамчун ҷузъи сиёсати хориҷии мудофиа ва амнияти миллӣ арзёбӣ мешавад.
- **муаррифӣ карда шуд:** дар натиҷаи таҳлили манобеи таърихӣ хатарҳои иттилоотӣ ва роҳҳои муқовимат бо онҳо дар қаринаи ҳамкориҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар чоряки аввали асри XXI мушаххас гардидааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки маълумоти дақиқ, маълумоти муътамади сарчашмаҳои таърихӣ, маводди таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуктаҳои асосии таҳқиқот муҳим мебошанд. Хулосаву тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

- **ғоя** дар пояи мавзуи хатарҳои иттилоотӣ, моҳият ва паёмадҳои он ба фазои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва роҳҳои муқовимат ба онҳо **асоснок шудааст**.
- **истифода шудаанд:** пеш аз ҳама осору нутқҳо, баромадҳо, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, осори муҳаққиқони тоҷик А.Н. Маҳмадов, З. Сайидзода, А.Сатторзода, П.А. Маҳмадов, А.Х. Ибодов, А. Абдуҷалилов ва осори муҳаққиқони хориҷӣ - Ю.Н. Алёшин, З.А. Асадова, Г. Иброҳимова, Г.К. Искакова, Л. Каратаева, Б.Е. Рустембаев, А.В. Дорожкин, В.Н. Ясенев, О. Ладигина, А. Гречневиков, А.А. Стрелтсов, М.С. Соколов, Ю.Ф. Нуждин,

А.В. Манойло, И.Л. Бачило, В.И. Карпов, В.К. Новиков, Г.Г. Маншин, И.Н. Панарин, В.Н. Лопатин, ки дар онҳо паҳлӯҳо ва самтҳои гуногуни ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ инъикос ва таҳлил шудаанд, дар таълифи рисола мусоидат намуданд.

- **муайян шудаанд**, ки дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳо зарурати таҳияи стратегияи амнияти иттилоотӣ ба миён омадааст, ки хатару таҳдидҳои марбут ба истифодаи технологияҳои иттилоотиро ба ҳадди ақал расонид. Амнияти иттилоотӣ дар ин замина ҳамчун ҳолате ҳисобида мешавад, ки дар он соҳаи иттилоот аз таъсири манфии дохилӣ ва берунӣ ҳифз шудааст. Ин ҳам ҳифзи маълумот ва ҳам таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасии озод ба иттилоотро дар бар мегирад.
- **истифода шудаанд:** дар раванди таҳияи рисола усулҳои муносибати комилу системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих маъмул – таърихият, пайвастагии хронологӣ ва мантиқии баёни воқеаҳо, масъалагузорӣ, қиёси назарӣ, шаффофият ва воқеият дар асоси далелҳо, пайвастагии хронологӣ-мантиқӣ ва равиши омехтаи соҳавӣ кор гирифта шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** таҳия, асосноккунӣ, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти шахсии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ-таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ гардидаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар пешниҳоди роҳҳои омӯзиш ва таҳлили хатарҳои иттилоотӣ дар шароити афзоиш ва густариши таҳдидҳои иттилоотии ҷаҳонӣ ва дар робита ба ин, тавсеаи ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ дар самти муқовимат ба таҳдидҳои иттилоотӣ дар бахшҳои техникӣ ва сиёсӣ инъикос ёфта, имконият ва роҳҳои рушди низоми амнияти иттилоотиро нишон додааст.

Дар маҷлиси 03 декабри соли 2025 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Фозилов Комрон Ҷамоловичро ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) 5 нафар. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**
**03.12.2025**